«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
ректори МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров» профессор
Усмонзода Аюб Ислом
_______________
«31» ______ 2022

# ХУЛОСАИ МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ ТАЪЛИМИИ «ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ХУҶАНД БА НОМИ АКАДЕМИК БОБОҶОН ҒАФУРОВ»

Диссертатсияи Ҷураев Манучеҳр Бобоқулович таҳти унвони «Масъалаи инсон дар фалсафаи Абдураҳмони Ҷомӣ»» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми фалсафа аз рӯи ихтисоси 09.00.03 – таърихи фалсафа дар кафедраи умумидонишгоҳии фалсафаи Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» ба анҷом расидааст.

Ҷураев Манучеҳр Бобоқулович соли 2008-ум факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро бо ихтисоси ҳуқуқшинос хатм намудааст. Аз соли 2008-ум то соли 2018-ум аз рӯйи ихтисос дар корхонаҳои гуногун ба сифати ҳуқуқшинос фаъолият бурдааст.

Аз соли 2018-ум дар кафедраи умумидонишгоҳии сиёсатшиносӣ ба сифати омузгор кор карда, ҳамзамон ба ҳайси унвонҷӯи кафедраи фалсафа ба фаъолияти илмӣ машғул аст.

**Мушовири илмӣ:** Муҳаммадалӣ Музаффар – доктори илми фалсафа, профессор, Узви вобастаи АМИТ.

Мавзуи диссертатсия дар Шӯрои олимони Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» санаи 28.11.2020, қарори № 4 тасдиқ карда шуда ва санаи 26.04.2022, қарори № 9 ба унвони мавзуъ тағирот ворид гардидааст.

**Дар рафти муҳокимаи диссертатсия хулосаи зерин қабул гардид:**

Рисолаи номзадии Ҷураев Манучеҳр Бобоқулович таҳқиқоти комилу анҷомёфтаи илмӣ маҳсуб меёбад, ки аз арзишҳои муҳимми назарию амалӣ ва навгонии илмӣ бархурдор мебошад. Аҳамияти мавзуи рисола, омӯзиш, баррасӣ, таҳқиқ ва муайян намудани андешаҳои Абдураҳмони Ҷомӣ дар масъалаи инсон ва ошкор сохтани аҳамияти илмӣ-фалсафӣ ва иҷтимоӣ-таърихии онҳо мебошад.

Таҳия, коркард ва таҳлили ҳамаҷонибаи мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ маҳсули чандинсолаи фаъолияти илмии муаллиф мебошад. Ҳамаи давраи иҷроиши нақшаи кории илмӣ–таҳқиқотии пешбинишуда бо иштирок ва пешниҳоди бевоситаи муаллиф роҳандозӣ карда шудаанд. Саҳми шахсии муаллиф дар баррасии бевоситаи масъалаи инсон дар таълимоти

фалсафӣ-антропологии Абдураҳмони Ҷомӣ мебошад, ки то имрӯз мавриди омӯзиш қарор нагирифта буд.

Таълимоти Абдураҳмони Ҷомӣ дар бораи инсон дорои аҳамияти бузурги илмие мебошад, ки мутафаккир дар ҳаёти маънавӣ, фарҳангӣ ва динии ҷомеа мавқеъ ва таъсири шоистаро сазовор гаштааст. Таълифоти ӯ то ба имрӯз ҳамчун намунаи беҳтарини афкори илмӣ, фалсафӣ ва динӣ хизмат менамоянд, вале бо вуҷуди ин маъруфият аксари осори ӯ, махсусан, осори фалсафӣ-тасаввуфии ӯ то ба ҳадди зарурӣ коркард нашудааст. Ҷомӣ ба имкониятҳои номаҳдуди инсон, нақши созандагӣ, қобилиятҳои ӯ баҳри манфиатҳои халқ ва ҷомеа имони комил дошта, образи идеалии шоҳи одил, хирадманд, ба камол расида, хайрхоҳу раъиятпарварро офаридааст. Абдураҳмони Ҷомӣ дар ҳалли бисьёр масъалаҳои баҳсталаби ирфонию фалсафӣ иштирок карда, оид ба онҳо ақидаи худро баён кардааст, ки он бешубҳа аз таълимоти тасаввуф таъсир пазируфтааст. Ҳамчунин, мутафаккир бо назардошти ҳаёти ҷамъиятиву сиёсӣ ва динии он замон кӯшиш кардааст, ки зуҳуроти низоъҳои ифротгароӣ, мутаассибӣ ва гуногунҷанбаи ҷомеаро ошкор сохта, роҳҳои ҳалли осоиштаи онҳоро пешниҳод намояд.

Таҳқиқ ва баррасии осори Ҷомӣ, махсусан мероси тасаввуфӣ-фалсафии ӯ аз аҳамият холӣ нест. Зеро таҳқиқи ҳамаи масъалаҳои муҳими фалсафӣ ва тасаввуфии ӯ, хусусан масъалаи инсон дар таълимоти ӯ то имрӯз на дар адабиёти фалсафии ватанӣ ва на хориҷӣ ба таври шоиста ва сазовор мавриди омӯзиш қарор нагирифтаанд. Омӯзиши афкори динӣ ва фалсафии Ҷомӣ махсусан дар замони муосир, ки ҷангҳо ва низоъҳои динӣ-мазҳабӣ, дар ҷаҳони муосир вуҷуд доранд, хеле зарур аст.

Аз ин рӯ, омӯзиши осори Ҷомӣ, ки яке аз ин бузургон аст, низ дар шароити имрӯзаи Тоҷикистон аҳамияти бузург дошта, дар ҷустуҷӯи усулҳои оптималии инкишофи ҷамъият дар заминаи дастоварду анъанаҳои миллӣ-ҷаҳонӣ ташаккул додани як шахсияти баркамол мусоидат менамоянд. Зеро дар таълимоти Ҷомӣ низ ташаккули шахсияти инсон рукни муҳими давлату давлатдорӣ дониста шудааст.

**Аҳамияти назариявӣ ва илмию амалии тадқиқот.** Натиҷаҳои илмии пажуҳиш дар заминаҳои назариявӣ-методологии андешаҳои антропологии Ҷомӣ, асосҳои ҷаҳонбинии мутафаккир дар бораи инсон ва камолоти шахсии ӯ, имконоти сайри камолоти маънавии инсон, масоили бевоситаи шарҳу баёни ваҳдати вуҷуд, андешаҳои ахлоқии мутаффакир ва ғайраҳо иборат мебошад.

**Аҳамияти амалии таҳқиқот** аз он иборат аст, ки нуктаҳо, хулосаҳо ва тавсияҳои диссертатсия барои коркарди курсҳои махсуси таълимӣ метавонанд маводи лозима ва ёрирасонро пешниҳод намоянд. Онҳоро метавон дар таҳқиқоти минбаъдаи антропологияи исломӣ, омӯзиши андешаҳои антропологии суфиёнаи Абдураҳмони Ҷомӣ ва махсусан муносибати ӯ ба консепсияи ваҳдати вуҷуди Ибни Арабӣ, дар курсҳои лексионӣ аз таърихи фалсафа ва фалсафаи дин, таҳияи курсҳои махсус, навиштани рисолаҳои илмии доктории дараҷаи PhD, магистрӣ, рисолаҳои

хатми дарачаи бакалавр, корхои курсӣ дар оид ба антропологияи фалсафӣ ва тасаввуфшиносӣ метавон истифода бурд.

Асоси назарявии таҳқиқотро осори муҳақиқони шинохтаи таърихи фалсафа, диншиносон ва муаррихони муосири ватанӣ ва хоричӣ ташкил медиҳад. Таҳқиқоти диссетатсионӣ пеш аз ҳама ба омӯзиши осори худи мутафакир такя намуда, дар диссертатсия таълифоти назариявии асрҳои миёнаи точик-форс, муҳақиқони ватанию хоричии таълимоти Абдураҳмони Ҷомӣ мавриди истифода қарор гирифтаанд.

Зимни тадқиқи диссертатсия пажуҳишу тадқиқоти олимони ватанию хоричӣ, ба монанди С.Брагинский, А.Баҳовуддинов, М. Рачабов, К. Олимзода, Р. Комилов, И. Зиёзода, А. Мирзоев, М. Орифӣ , Р. Ҳошим, Ш. Ҳусейнзода,А.Насриддинов, А. Сатторов, Р. Ҳодизода, А. Афсаҳзод, П. Ниёзов, С. Шамисо, З. Саччодӣ, Э. Табарӣ, Ғ. Юсуфӣ, Алиасғари Ҳалабӣ, Аббос Меҳрин Шуштарӣ, Забеҳуллоҳи Сафо, Муҳаммад Исмоили Мубаллиғ ва дигарон ба эътибор гирифта шудааст.

**Навгонии илмии диссертатсия.** Дар диссертатсия бори аввал андешаҳои Абдураҳмони Ҷомӣ дар масъалаи инсон, хусусиятҳои ин таълимот аз дидгоҳи таҳлили илмӣ-фалсафӣ баррасӣ гардидаанд. Нуктаҳои зерин бори аввал мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд, ки аз навгониҳои ин рисола гувоҳӣ медиҳанд:

- бори аввал таҳқиқи пурраи фалсафии масъалаи инсон дар чаҳонбинии Абдураҳмони Ҷомӣ анчом дода шуда, сарчашмаҳои ғоявии чаҳонбинии антропологии мутафаккир ошкор карда шудааст;

- таъсири таълимоти аҳли тасаввуф, аз қабили Азизи Насафӣ, Ҷелонӣ, Ибни Арабӣ ва дигарон дар ташаккули андешаҳои фалсафи инсонпарваронаи Абдураҳмони Ҷомӣ нишон дода шуда, муайян карда шуд, мутафаккир ҳангоми баррасии масъалаи инсон зери таъсири суфиҳои зикргардида қарор доштааст;

- бори аввал андешаҳои Абдураҳмони Ҷомӣ дар масъалаи инсон, махсусан консепсияи инсони комил ва ваҳдати вучуд дар осори ӯ мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд;

- дар рисола аз ашъори суфиёнаи Абдураҳмони Ҷомӣ васеъ истифода шуда, исбот гардидааст, ки мутафаккир андешаҳояшро дар масъалаи инсон бештар тавассути ашъор пешниҳод кардааст;

- муайян карда шудааст, ки Абдураҳмони Ҷомӣ дар масъалаи ахлоқ низ дар заминаи таълимоти фалсафӣ-тасаввуфии худ андешаҳои чолиб пешниҳод кардааст, ки имрӯз низ аз аҳамият холӣ нестанд.

**Мақсади тадқиқот.** Мақсади таҳқиқоти мазкур таҳлили андешаҳои Абдураҳмони Ҷомӣ дар масъалаи инсон ва ошкор сохтани аҳамияти илмӣ-фалсафӣ ва ичтимоӣ-таърихии онҳо мебошад.

**Вазифаҳои тадқиқот.** Ҳаллу фасли масоили зерин меҳвари пажуҳишро дар бар мегиранд:

-баррасии заминаҳои таърихӣ ва ичтимоӣ-сиёсии ташаккули афкори фалсафии Абдураҳмони Ҷомӣ;

- нишон додани вазъи иҷтимоӣ-сиёсӣ ва зиндагии мутафаккир;

- ошкор сохтани таъсири таълимоти тасаввуф, аз қабили Азизи Насафӣ, Ҷелонӣ, Ибни Арабӣ ва дигарон дар ташаккули андешаҳои фалсафии Абдураҳмони Ҷомӣ ва муайян намудани муносибати мутафаккир ба таълимоти онҳо;

- мавриди омӯзиш қарор додани андешаҳои Абдураҳмони Ҷомӣ дар масъалаи инсон, махсусан консепсияи инсони комил ва ваҳдати вуҷуд дар осори ӯ;

- нишон додани масъалаи инсон дар ашъори Абдурахмони Ҷомӣ;

- баррасии масъалаи ахлоқ дар таълимоти фалсафӣ-тасаввуфии Абдраҳмони Ҷомӣ.

**Муаллиф масъалаҳои зеринро барои ҳимоя пешниҳод кардааст:**

1. Мазмун ва хулосаҳои таҳқиқот тасдиқ мекунанд, ки осори Абдураҳмони Ҷомӣ, хусусан рисолаҳои фалсафию ахлоқии ӯ, ки дар шакли наср ва назм навишта шудаанд, масъалаҳои инсон ва мавкеъи ӯро дар олам ба таври муфассал мавриди таҳлилу баррасӣ қарор медиҳанд. Андешаҳои Ҷомӣ дар масъалаи инсон дар шароити муосир низ аҳамияти хос доранд.

2. Хулосаи андешаҳои антропологии Абдураҳмони Ҷомӣ аз он иборат аст, ки инсон олитарин офаридаи Худост. Дар фалсафаи мутафаккир инсон ҳам аз ҷиҳати ҷисмонӣ ва ҳам аз ҷиҳати биологӣ комил аст. Дониш ва фазилат дар раванди инкишоф ва такмили тафаккури инсон ба даст меояд. Дар ибтидои роҳ шуури ӯ мукаммал нест. Барои он ки инсон дар байни маънавӣ ва ҷисмонӣ ҳамоҳангӣ дошта бошад, ӯ бояд хислатҳои некро ба даст оварда, хислати худро такмил диҳад. Дар ин замина метавон гуфт, ки мақоми инсоне, ки ӯ муайян кардааст дар заминаи таълимоти ислом ташаккул ёфтааст. Зеро мақоми инсон дар антропологияи исломӣ ҳамчун халифаи Худо дар замин муайян гардида, ҳадафаш анҷом додани корҳои заминӣ тибқи иродаи худовандӣ мебошад. Барои анҷом додани ин вазифа танҳо ба инсон маърифати асмои илоҳӣ дода шудааст. Меъёри иҷрои ин рисолат вазифаи асосии виҷдони ҳар як инсони конкретӣ, вобаста аз сатҳи камолоти маънавии шахсият, сатҳи имондорӣ ва ахлоқӣ, ихлосу амали ӯ вобаста мебошад. Маҳз барои ҳамин инсон масъулияти комилро барои амалҳои худ бояд анҷом диҳад;

3. Абдураҳмони Ҷомӣ инсонро аз нуктаи назари теология таҳқиқ намуда, на танҳо мафҳуми худро дар бораи пайдоиши инсон ва моҳияти вай дар заминаи онтология ба миён гузоштааст, балки вазифаи сохторию функсионалии руҳи ӯ, моҳияти зеҳнии инсон, асосҳои ахлоқӣ ва маънавии ӯ, моҳияти эҷодии ӯ, роҳҳои худтакмилдиҳиро асоснок кардааст. Мутафаккир дар баробари ин, моҳияти иҷтимоии инсонро муайян карда, ба саволҳое ҷавоб додааст, ки дар ҷамъият шахс будан чӣ маъно дорад ва барои зуҳуроти инсонӣ дар одам чӣ гуна ҷамъият бояд бошад. Масъалаи инсони комили ӯ низ маҳз дар заминаи таълимоти исломӣ ташаккул ёфтааст. Ба андешаи Ҷомӣ консепсияи инсони комил нуктаи баландтарини антропологияи исломиро ташкил медиҳад. Инсони комил танҳо дар натиҷаи анҷом додани даври

комил, аз ду кисмати рох, сайри нузулӣ ва сайри суудӣ: кавси нузул ва қавси сууд иборат аст, пайдо мешавад;

4. Дар антропологияи фалсафии Абдураҳмони Ҷомӣ масъалаи озодии ирода низ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Ӯ бовар дошт, ки Худо инсонро офарида, барои ӯ конун мукаррар кардааст, аммо дар айни замон барои ӯ имкони риояи қонунҳои худашро нигоҳ доштааст, зеро ҳатто қонуни илоҳӣ иродаи инсонро маҳдуд намекунад. Худо на танҳо инсонро офарид, балки ӯро як мавҷуди озоду худмухтор гардонид, ки қодир ба қувваи худаш такя кунад. Ҳангоми интихоби амал, ба андешаи ӯ нияти шахс нақши калидӣ дорад. Ният ва амал бо кумаку иштирок ва таъсири бевоситаи акл амалӣ мегардад. Аз ин рӯ, мутафаккир дар тамоми ашъори худ аксар вақт чунин андешаро такрор мекунад, ки Худо ба инсон ақл додааст, то худи ӯ бо кӯмаки он амалҳои худро идора кунад ва онҳоро назорат кунад. Маҳз акл бо озодии ирода робитаи зич дорад – мегӯяд Ҷомӣ.

5. Дар диссертатсия кӯшишҳои Ҷомӣ барои бартараф гардонидани маҳдудиятҳои шуури анъанавии динӣ, ҷиҳати ба онҳо бахшидани ақлоният ва хирадмандӣ нишон дода шудаанд, ки ин андешаҳо дар консепсияи ахлоқии ҳакимон ва сиёсатмадорони давр равшану ошкор мегарданд.

**Мухтавои мавзуи диссертатсия дар 3 мақолаи илмӣ, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ ба табъ расидаанд, инъикос ёфтааст:**

**[1-М]**. Сравнительный анализ антропологии Абу Бакра Рази и Абу Насара Фараби (степень изученности проблемы) // М. Ҷураев. Паёми ДДМТ.- Душанбе, 2020. -№8. -С. 155-162.

**[2-М]**. Одамият аз нигоҳи Абдураҳмони Ҷомӣ // М. Ҷураев. Паёми ДДМТ.- Душанбе, 2021. -№7. -С. 125-128.

**[3-М]**. Исторические и социально-политические основы формирования философской мысли Абдуррахмана Джами // М. Ҷураев. Паёми ДДМТ.- Душанбе, 2022. -№5. -С. 161-166.

Бо максади равшан шудани масъалаҳои мавҷуда, дар диссертатсия аз усулҳои умумифалсафӣ; таърихӣ-муқоисавӣ, фалсафӣ-антропологӣ коидаҳои умумии таҳлили донишҳои фалсафӣ, умумиметодологӣ ва ғайраҳо истифода шудаанд.

Диссертатсия кори илмии ба анҷомрасида буда, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯи ихтисоси 09.00.03 – таърихи фалсафа ба ҳимоя тавсия мегардад.

Хулоса дар маҷлиси муштараки кафедраҳои умумидонишгоҳии фалсафа ва сиёсатшиносии Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» кабул шудааст.

Кафедраҳои умумидонишгоҳии фалсафа ва сиёсатшиносии Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» диссертатсияи Ҷӯраев Манучехр Бобокуловичро кори илмии баанҷомрасида ва мубрам меҳисобад, ки дар сатҳи баланди илмию таҳқиқотӣ таълиф шуда, ба ҳама талаботи диссертатсионӣ ҷавобгӯ аст.

Дар ин замина диссертатсияи мазкурро барои дифоъ аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 – таърихи фалсафа тавсия менамояд.

Дар маҷлиси кафедра 2 доктори илми фалсафа, профессорон Атоев А.М., Ҳомидзода А. П., 10 нафар номзадҳои илми фалсафа, дотсентон Бердишукуров А., Усанов Р., Абдулатипов У., Комилова М., Ҳасанова З., Ҳакимова З., Ҳодибоев Ф., Комилова М., Холдоров О., Сатторов Б. ва 5 нафар муаллимони калон Комилова З., Саркорбобоева М., Сангинов К., Исмоилова М., Абдуллоева А. иштирок доштанд. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» - 17 нафар, «зид» - нест, «бетараф» - нест.

Қарори №10-ум аз 31-уми майи соли 2022-юм.

Раисикунанда,<br>
мудири кафедраи<br>
фалсафа, доктори илми<br>
фалсафа, профессор — Атоев А.М.

мудири кафедраи<br>
сиёсатшиносӣ, номзади илми<br>
фалсафа, дотсент — Бердишукуров А.А.

Котиб, муаллима — Ҳотамова М. Ғ.

«Тасдиқ мекунам»:<br>
Сардори раёсати кадр ва корҳои<br>
махсуси МДТ-и «ДДХ ба номи<br>
академик Бобоҷон Ғафуров» — Наврӯзов Э.М.

_31_ ____мая____ соли 2022